**Такризи**

**роҳбари илмӣ, президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, академик Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт ба диссертатсияи Барнои Файзи Тағоймуродзода дар мавзуи: «Таъминоти методии ташкили контроллинг дар бонкҳои тиҷоратӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 - Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит**

Барнои Файзи Тағоймуродзода аз соли 2021 унвонҷӯи кафедраи баҳисобгирии муҳосибии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав қабул гардида, таҳқиқоти илмии худро шурӯъ намуда буд. Номбурда ҳангоми иҷрои кори илмии худ дараҷаи баланди мустақилиятро ҳангоми ҷамъоварӣ, омӯзиш ва интихоби асарҳои таҳқиқотчиён, ки ҷанбаҳои назариявии кори илмии мазкурро таҳқиқ намудаанд, нишон дод. Дар пешбурди фаъолияти илмӣ Барнои Файзи Тағоймуродзода масъулияти баландро нишон дода, 12 мақолаҳои илмӣ аз чоп баровард, ки аз ин шумора 5-тояш мақолаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил мебошанд. Фаъолияти омӯзгориро аз соли 2021 дар Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав оғоз намуда, то ҳол идома медиҳад. Бояд қайд намуд, ки Барнои Файзи Тағоймуродзода дониши баланди касбӣ дошта, шахси масъулиятшинос мебошад. Ҳангоми кор бо диссертатсия унвонҷӯ худро ҳамчун таҳқиқотчии илмии ташкилотчӣ ва масъулиятшинос нишон дода, бо истифода бурдани методҳои зарурии таҳқиқотӣ тавонист мустақилона натиҷаҳои бадастомадаро ҳаматарафа муайян, асоснок, таҳия ва шарҳ диҳад.

Аз мубрамияти мавзуи интихобгардидаи таҳқиқоти диссертатсионии муаллиф бар меояд, ки баланд бардоштани самаранокии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ тавассути бахши контроллинг тақозои бозори муосири молиявӣ буда, рушди соҳаи бонкӣ дар мадди назари Ҳукумати ҷумҳурӣ қарор дорад. Қайд кардан зарур аст, ки диссертатсия сохтори мантиқии хуб дошта, мақсад ва вазифаҳо дуруст таҳрезӣ шудаанд. Муаллиф дар кори худ моҳияти контроллингро ошкор намуда, самтҳои асосии таҳқиқотро ба таври возеҳ муайян намудааст. Бандҳои навгониҳои илмӣ дар худ иқтидори зиёди илмӣ ва амалию методологӣ дошта, аҳамиятнокии кори мазкурро тасдиқ менамоянд. Натиҷаҳои муҳимми назариявию методологии дар диссертатсия мавҷудбуда, хулосаву натиҷаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои дар асоси онҳо мураттабшуда метавонанд барои такмил додани фаъолияти низоми идоракунии бонкҳои тиҷоратии кишвар мусоидат намоянд. Ҳамчунин натиҷаҳои илмии таҳқиқот, дар баробари аҳамияти амалӣ, дорои арзиши илмӣ

ва назариявӣ низ буда, метавонад дар низоми таҳсилоти олии касбӣ ва курсҳои бозомӯзӣ мавриди истифода қарор гирад.

Унвонҷӯ барои расидан ба мақсад дар доираи таҳқиқот вогузошташуда ва баррасии вазифаҳои гузошташудаи бо он алоқаманд ба корҳои илмии базавии муҳақиқони ватаниву хориҷӣ, аз маводҳои амалӣ ва оморӣ васеъ истифода карда, таҳия ва хулосабарориҳои илман асоснокшуда ироа карда, таҳқиқоти илмии худро дар мавзуи «Таъминоти методии ташкили контроллинг дар бонкҳои тиҷоратӣ» дар муҳлати муқарраршуда иҷро кардааст.

Заминаи методологии таҳқиқотро усулҳои индуктивӣ ва дедуктивӣ, моделсозӣ, таҳлили муқоисавӣ ва сохторӣ-функсионалӣ ташкил медиҳанд. Чунин пойгоҳи методологӣ дурустии хулосаҳо, воқеияти натиҷаҳои таҳлилӣ ва татбиқи амалии тавсияҳои пешниҳодшударо таъмин менамояд.

Боби якуми диссертатсия "Асосҳои назариявии контроллинг дар низоми идоракунии ташкилот" номгузорӣ шуда, дар он доир ба заминаҳои таърихии пайдоиш ва рушди контроллинг, мафҳум, моҳият ва нақши контроллинг дар такмили низоми идоракунии бонкҳои тиҷоратӣ маълумот оварда шуда, шароитҳои объективии ҷорӣ намудани контроллинг дар низоми бонкиро таҳқиқ намудааст.

Боби дуюм "Масоили ташкилию амалии контроллинг дар бонкҳои тиҷоратӣ" номгузорӣ шуда, ба таҳлили механизмҳои ҳамоҳангсозии ҳадафҳо, устуворсозии мавқеи рақобати субъектҳои фаъолияти бонкӣ, ташкили низоми нишондиҳандаҳои фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ва ҳисоботи идоракунӣ дар доираи низоми контроллинг бахшида шудааст.

Боби сеюми таҳқиқот ба мавзуи "Такмили низоми контроллинг дар бонкҳои тиҷоратӣ" бахшида шуда, масъалаҳои вобаста ба такмили низоми контроллингро дар бонкҳои тиҷоратӣ тавассути истифодаи технологияҳои рақамӣ, таҳияи амсилаи нишондиҳандаҳои вазъияти ҷорӣ, такмили механизмҳои идоракунӣ ва ташкили ҳисоби идоракуниро ҳамчун абзори камсозии хавфҳои бонкӣ мавриди таҳлил қарор медиҳад.

Дар рафти таҳқиқот манбаъҳои гуногуни иттилооти расмӣ ва таҳлилӣ истифода шуданд, ки фарогирӣ ва эътимоднокии хулосаҳои бадастомадаро таъмин кардаанд. Ба сифати мисол: санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши молиявӣ ва муҳосиботӣ, дастурамалҳои Бонки миллии Тоҷикистон, Бюллетени омори бонкӣ, адабиёти илмӣ, нашрияҳо дар маҷаллаҳои илмӣ, инчунин маводи амалии муассисаҳои алоҳидаи давлатӣ баромад менамоянд.

Таҳқиқоти анҷомдодашуда имкон дод, ки як қатор хулосаҳои назариявию методологӣ, тавсия ва пешниҳодҳои амалӣ оид ба рушди такмили низоми контроллинг дар бонкҳои тиҷоратӣ таҳия карда шаванд.

Ҳамчунин бояд қайд намуд, ки муқарратори асосии диссертатсия зимни тадриси фанҳои «Назорати бонкӣ ва аудит» ва «Идоракунии хатари бонкӣ» истифода бурда мешавад.

Хулоса ва пешниҳодҳо ҷиҳати истифодаи илмию амалӣ асоснок ва мутобиқ омода шудаанд. Дар маҷмуъ таҳқиқоти илмӣ аҳамияти кифояи илмӣ ва назариявию амалиро доро буда, кори илмӣ-таҳқиқотии анҷомёфта арзёбӣ гардида, дар сатҳи ҳимояи ошкоро ба ҳисоб меравад.

Роҳбари илмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, академик, президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон — Хушвахтзода Қ.Х.

Имзои доктори илмҳои иқтисодӣ, академик Қ.Х. Хушвахтзодаро тасдиқ мекунам:

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ОТДЕЛ КАДРОВ И СПЕЦИАЛЬНЫХ РАБОТ
АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН * НАЦИОНАЛЬНАЯ АКАДЕМИЯ НАУК ТАДЖИКИСТАНА

Мудири шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси АМИТ — Акрамзода Т.С

Суроға: 734025,Ҷумҳурии
Тоҷикистон, ш. Душанбе,
хиёбони Рудакӣ, 33.
Тел:+992 (37) 221-50-83
E-mail:amit.tj

20.11.2025с.